# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.01.–Забони тоҷикӣ).–Душанбе, 2024. – 208 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Хазинаи забони ноби форсии тоҷикиро қабатҳои гуногуни луғавӣ фаро мегиранд, ки яке аз он қабатҳои луғавиро вожагони пешаварии мардумӣ ташкил дода, ин гурӯҳи луғавӣ аз даврони куҳан то кунун таваҷҷуҳи донишмандону луғатнигоронро ба худ ҷалб намудааст. Бинобар ин воҳидҳои луғавӣ дар забоншиносии қавмии муосир (этнолингвистикаи муосир) низ аз муҳимтарин масъалаи таҳқиқотӣ арзёбӣ мегардад. Маълум аст, ки барои муқаррар кардани ҷойгоҳи вожагони пешаварии мардумӣ фарҳангномаҳо ба сифати хазинаи бузург нақш доранд ва луғатномаи «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон намунаи беҳтарин ба шумор рафта, рисолаи мазкур ба таҳқиқи маводи вожагони ҳунарҳои мардумии ҳамин фарҳанг бахшида шудааст.

Диссертатсияи аз тарафи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» омодагардида ба самти забоншиносӣ, хосатан ба бахши этнолингвисти- каи он ва шиносномаи ихтисоси илмии 10. 02. 00. – Забоншиносӣ (10.02.01.–Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Буриева Шаҳноза Бекмуратовна мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши забоншиносии мардумӣ ё этнолингвистика ва шевашиносии забоншиносии тоҷикӣ алоқаманд буда, актуалӣ ва нав ба ҳисоб меравад. Гуфтан ҷоиз аст, ки вожагони ҳар як забонро вожаҳое фаро мегиранд, ки як мафҳуми мушаххасро ба таври дақиқ ифода намуда, дар ҳамаи забонҳо, новобаста аз соҳаҳои гуногун, аз қабили тиббӣ, кишоварзӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, илмҳои дақиқ, техникӣ ва ғайра арзи ҳастӣ доранд. Агар иддае аз ин вожаҳо соҳаҳои мазкурро дар тули таърих ҳамроҳӣ намуда бошанд, бархе дар масири таърих аз истифода баромада, вожаҳои нав ҷойгузини онҳо гардидаанд, ки воқеияти чунин ҳолатро танҳо фарҳангномаҳо бозгӯйӣ карда метавонанд. Моддаҳои луғавии фарҳангномаҳо яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқоти этнолингвистӣ маҳсуб шуда, дараҷаи баланди тафсири вижагиҳои фарҳангӣ ва ҳаёту рӯзгори соҳибзабонон дар онҳо инъикос ёфтааст. Аз ин ҷост, ки вожагони марбут ба ҳунарҳои мардумӣ, ки дар фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» дарҷ ёфтаанд, инъикоскунандаи ҳаёту рӯзгор, урфу одат, фарҳанги миллии гузаштагони мардуми тоҷик methodology дониста шуда, ба воситаи ин фарҳангнома, ки дар он вожаҳои марбут ба

соҳаи ҳунармандӣ бо тарзи зиндагӣ ва рӯзгори гузаштагон, ҳаёти моддию маънавии онҳо тафсир ёфтаанд, ошноӣ пайдо кардан мумкин аст, ки ҳамин тафсиру инъикоси вожагони этнолингвистӣ дар дар диссертатсияи мазкур арзёбӣ гардидааст. Зарурати таҳқиқи вожагони ҳунарҳои мардумӣ аз назари этнолингвистӣ дар асоси фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» низ дар ҳамин аст, ки дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» омода гардад, ки айни муддао ва мубрам дониста мешавад. Воқеан, луғату фарҳангномаҳо манбаи омӯзиши захираи луғавии забон маҳсуб меёбад ва дар он вожаҳое аз забонҳои гуногун, ҷумла, ҳиндию урду, арабию туркӣ, римию юнонӣ ва ғайра иқтибос ва ҷамъоварӣ шудаанд, ки ин фарҳангномаҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, аз қабили А.Сангинов, Ҳ. Рауфов, Д. Бахриддинов, А. Нуров, Д. Саймиддинов ва дигарон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар асоси моддаҳои луғавии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» аз назари этнолингвистӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, бори нахуст тавассути таҳлили этнолингвистии моддаҳои луғавӣ муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёту рӯзгори ниёгон ва урфу одату фарҳанги онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳамчунин, муқоисаи вожаҳои марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ бо истилоҳоти муосири соҳаҳои мазкур ва мавриди корбурд қарор гирифтани онҳо дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бори нахуст анҷом дода шудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагиро дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди нати- ҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

Хулосаи диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муал лиф буда, дар 16 банд фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 6 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳ- қиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар бахши этнолинг- вистикаи забоншиносии тоҷикӣ ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии марбут ба вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва па- зандагӣ дар асоси моддаҳои луғавии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» аз назари этнолингвистӣ ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор- гирифта аҳаммияти назарии таҳқиқро мустаҳкам намуда, матолиби назарии дар диссертатсия баррасигардида барои таҳқиқи минбаъдаи марбут ба соҳаи этнолингвистӣ чун манбаи назарӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ ҳамчунон дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар забоншиносии мардумӣ ва вижагиҳои тасвирии он ба забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони ноби тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи бадастомада ва дастовардаҳоро дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забон- шиносӣ ва луғатҳои этнолингвистӣ, баргузории курс ва семинари назариявию амалӣ аз забоншиносии қавмӣ истифода кардан мумкин аст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифо- даи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ, дар навбати худ, ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд. Дар диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда масъалаҳои зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ шудани он, ҳадаф ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, усули таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти назариявию амалии мавзуъ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби **якуми** диссертатсия бо унвони «**Асосҳои назариявии ҷанбаҳои этнолингвистии фарҳангномаҳои тоҷикӣ (форсӣ)**» ёд мешавад ва аз ду фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар фасли якум оид ба «Этнолинг- вистика дар тафсири забоншиносон» маълумот дода мешавад. Зикр мегардад, ки этнолингвистика ҳамчун як соҳаи илми забоншиносӣ буда, алоқа ва

муносибати байни забон ва вижагиҳои этникиро меомӯзад ва он дар ибтидои асри XX дар Амрико ба вуҷуд омада, дониш мандони маъруфи амрикоӣ Ф.Боас, Б.Уорф ва Э.Сепир аз саромадони ин соҳа маҳсуб меёбанд.Этнолингвистика маҷмуи муносибати забон ба фарҳанг маҳсуб ёфта, таҳқиқоти назариявӣ ва амалии муҳаққиқони барҷаста дар ин самт ҳамчун як маводи илмӣ барои минбаъда кумак хоҳад расонд.

Фасли **дуюм** «Фарҳангномаҳо ҳамчун сарчашмаи асосии таҳқи- қоти этнолингвистика» унвон гирифта, дар он доир ба фарҳангномаҳо ва мавқеи онҳо ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистӣ маълумоти муфассал дода мешавад. Дар фарҳангномаҳо ҷанбаҳои этнолингвистика ҳангоми ифодаи хусусиятҳои фарҳангӣ бо бартараф кардани маҳдудият- ҳо аз моддаҳои луғавӣ дар чорчӯбаи муайяншуда тавсиф мешавад. Дар зерфасли якуми фасли мазкур, ки бо унвони «Маълумот доир ба фарҳангномаҳои дорои хусусиятҳои этнолингвистии тоҷику форс» ёд мешавад, доир ба фарҳангномаҳои классикии тоҷику форс маълумот дода шуда, фарҳангномаҳои тоҷикӣ-форсӣ дар худ маълумоти зиёдеро маҳфуз доштанашон доир ба ташаккулу инкишофи ҳувияти миллӣ ва забонӣ, ҳаёти моддиву маънавии инсоният дар замони гузашта таҳлил мегардад.

Зерфасли **дуюми** фасли мазкур «Фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» - манбаи асосии таҳқиқоти этнолингвистика дар забоншиносии тоҷик» номгузорӣ шудааст. Дар ин зерфаст сухан аз бобати таълифи фарҳанги «Бурҳони қотеъ», ки ба асри XVII рост меояд, дар баробари дигар фарҳангномаҳо он ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистикӣ ба шумор рафта, фарогири беш аз 20 000 моддаи луғавӣ буданаш нишон дода шуда, маводи ҷанбаҳои этнолингвистӣ дошта баррасӣ мегарданд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хусусиёти луғавӣ-семантикии истило- ҳоти этнолингвистии марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагӣ дар «Бурҳони қотеъ»»** унвон дошта, дар он вожагони ҳунарҳои мардумӣ гурӯҳбандӣ шуда, мавриди таҳлили этнолингвистӣ қарор гирифта, дорои се фасл мебошад.

Дар фасли **якум** оид ба «Вожагони бофандагӣ», ки ҳунари хеле қадими мардуми тоҷик ба шумор меравад, сухан рафта, таҳқиқи вожаҳо ва истилоҳоти соҳаи бофандагӣ, таркиббандии онҳо ва масъалаҳои марбут ба ин соҳа мавриди таҳлил қарор мегиранд ва ин фасл ба зерфаслҳои зерин тақсим мешавад: а) «Вожаҳои ифодакунандаи номи касби бофандагӣ»; б) «Вожаҳои ифодакунандаи абзори бофандагӣ» ва в) «Вожаҳои ифодакунандаи маводи тайёри соҳаи бофандагӣ».

Фасли **дуюми** боби дуюм «Вожагони ресандагӣ» ном дошта, дар он вожаҳои ҳунари ресандагӣ таҳлил гардида, дар навбати худ боз ба чандин зерфаслҳо ҷудо гардида, дар ин зерфаслҳо доир ба як унсури вожагони ҳунармандӣ маълумот оварда шуда, аз нигоҳи этнолингвистӣ баррасӣ гардидаанд.

Фасли **сеюми** боби дуюм «Вожагони дӯзандагӣ» номгузорӣ шуда, муҳаққиқ онро вобаста ба самтҳояшон ба чандин гурӯҳу зергурӯҳҳо дастабандӣ карда, ҷанбаҳои этнолингвистии онҳоро муайян кардааст.

Боби **сеюми** рисола **«Таҳлили этнолингвистии луғот ва истилоҳоти ҳунари пазандаги дар «Бурҳони қотеъ»»** унвон гирифта, вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари пазандагӣ, аз қабили хӯрокпазӣ, нонпазӣ, ҳалвопазӣ ва ғайра дар ин боб мавриди таҳлил қарор гирифта, фарогири 1 фасл ва 14 зерфасл аст. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб вожагони ҳунармандии марбут ба соҳаҳои пазандагӣ ва навъи амали ҳунармандони соҳаи мазкур, аз қабили масолеҳи хоми соҳаи пазандагӣ, ғалла ва навъҳои он, хӯришҳо, нонреза, гиёҳҳое, ки ба хӯрок илова мешаванд, дунба ва рӯда, вожагони марбут ба абзори соҳаи пазандагӣ, маводи тайёри соҳаи пазандагӣ, номгӯйи хӯрок вобаста ба вақт ва ҷойи тановули он (пасшом, пешхӯрд ва ғ.), хӯрокиҳои ширӣ (тарф, катах ва ғ.), навъи ҳалво ва шириниҳо (обдандон, ангабина, мушкинак, баргӯл, пониз ва ғ.), навъҳои нон (арзанин, сангола, жагора, кашкина, чопотӣ // чапотӣ) ва амсоли инҳо мавриди таҳлили этнолингвистӣ қарор гирифтаанд, ки хеле ҷолиб аст.

Хулосаи диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳанд. Дар хулоса натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ дар 16 банд оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 221 адад мерасад.

Боиси хушҳолист, ки ҳангоми мутолиа чанд вижагии муҳимми рисолаи илмӣ ба назар расид, ки чанде аз онҳоро махсус дар поён зикр менамоем:

1. Фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия ба мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвонҷӯ пурра мувофиқат мекунанд.

2. Дар фаслҳо ва зерфаслҳои рисола масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки аҳамияти баланди илмӣ доранд ва рисоланавис тавонистааст, ки онҳоро дар пояи маводи фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ”-и Муҳаммад- ҳусайни Бурҳон ба риштаи таҳқиқ кашад.

3.Зимни баррасӣ ба осори таҳқиқотии устодони варзидаи илми ватанию хориҷӣ такя карда, аз онҳо дар мавриди зарурат иқтибосҳо оварда, фикру ақидаҳои худро такмилу тақвият додааст. Дар муқад- димаи кор зимни овардани асосҳои назариявии диссертатсия ба осори донишмандоне ишора мешавад, ки саҳми онҳо дар таҳқиқи забон- шиносии қавмӣ ё ва маводи гӯйишии забони тоҷикӣ хеле назаррас аст.

4.Маводи ҷанбаи этнолингвистии фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ”-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон баррасӣ мешавад, аҳамияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, дар бобҳои кор номгӯй ва навъҳои онҳо баррасигардида, вобаста ба фаслҳо ва зерфаслҳо матраҳ мешаванд. Баъд ё пеш аз баррасӣ мисолҳои оварда аз фарҳанги мавриди таҳқиқ қароргирифта бо ранги ғафси сиёҳ ишора мешаванд.

5.Ҳангоми шарҳу тавзеҳи таърихи баромади калимаҳо ба осори илмии муътамад такя карда мешавад ва таҳлилу баррасиҳо бештар вижагиҳои илмӣ дошта, хулосаҳои унвонҷӯ мантиқӣ мебошанд.

6. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки баррасии маводи этнолингвистии фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ" ба таври бояду шояд тарроҳӣ гардида, фарогири маводи фаровон аст, ки он маводро метавон дар фарҳангҳои этнолингвистӣ чун намуна истифода кард.

7. Барои нишон додани ҷиҳатҳои луғавӣ ва маъноии маводи этнолингвистии "Бурҳони қотеъ" муҳаққиқ аз усулҳои санҷидашудаи синхронию диахронӣ истифода намуда, бо ин роҳ таҳаввулу тағйироти вижагиҳои луғавии маводи мазкурро муайян мекунад.

8. Маводи истифодашудаи илмӣ-назариявӣ ва маводи гирдовардаю баррасишуда аз фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ" гувоҳи он аст, ки муҳаққиқи ҷавон Буриева Ш. Б. техника ва роҳу равиши коркарди илмии маводи забониро хуб аз худ кардааст ва умед аст, ки дар оянда корҳои аз ин ҳам ҷиддитарро роҳандозӣ менамояд.

9. Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди пажӯҳиш қарор додани маводи этнолингвистикӣ дар пояи ин ё он фарҳангнома чизи тоза маҳсуб меёбад ва диссертатсияи мавриди тақризро аз шумули ҳамин корҳои илмӣ донистан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 маҷмуаи мақолаҳои конферен- сияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертат- сияро пурра инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ дорад, сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, шеваи нигориш, масъалагузориҳо, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе

норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар диссертатсия ва автореферат истифодаи тоҷикии истилоҳоти илмӣ ва соҳавӣ сарфи назар гардида, бештар гунаи русӣ – байналмилалӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Хуб мешуд, гунаи тоҷикии истилоҳоти илмӣ, ки дар забоншиносии тоҷик мавҷуд аст, истифода мегардид.

2. Дар овардани маводи этнолингвистӣ дар қавсайн шакли овонигории онҳо сарфи назар шудааст, зеро дар корҳои пажӯҳишии соҳаи этнолингвистика, шевашиносӣ, ономастика, топонимика ва баррасии муқоисавӣ ин чиз ҳатмист.

3.Дар номгузории бобҳои дувум ва савуми рисола номи фарҳанг-номаи “Бурҳони қотеъ” зикр гардидааст, ки қобили қабул нест, зеро бинобар сабаби фарҳанги мазкур объекти таҳқиқ ба ҳисоб рафтанаш такроран овардани он дар номгузории бобҳо ҳеҷ зарурате надошт.

4.Феҳристи адабиёт ба се банд дастабандӣ гардида, фарогири 221 номгӯйи адабиёти зарурӣ аст, вале дар ин феҳраст баъзе номгӯйи адабиёт ба рисолаи илмӣ ҳеҷ рабте надошта, дар ин рӯйхат на ҳамаи адабиёти соҳавӣ оварда шудааст (7, 8, 9, 46, 85... ва ғ.). Аз ин рӯ, он такмил мехоҳад.

5. Дар саҳифаҳои 5, 6, 9, 31, 61, 63, 64-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна ҳусни аз ин ҳам бештарро зам хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии такриз.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)»-ро дар ҳамин шакл ба анҷомрасида донистан мумкин аст ва муҳаққиқ масъалаҳои дар пеш гузоштаи худро хеле хуб ба сомон расонидааст. Забони диссертатсия фаҳмо ва равону барои ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ, хосатан бахшҳои забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика), шевашиносии он созгор аст.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертат-сияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионии онро собит месозад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10. 02. 00.–Забоншиносӣ (10.02.01.– Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.01.–Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

«Имзои доктори илмҳои филологӣ Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам»

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович**

«10» -уми январи соли 2025

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1
**Тамос**: (+992) 907-79-82-65; 221-62-25
**E-mail**: homidov65@mail.ru
**Сомона:** www.tnu.tj